# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
# ҚАРОР
# Правительство Республики Таджикистан
# ПОСТАНОВЛЕНИЕ

аз 24 июни соли 2022 № 292

ш. Душанбе

Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад»

Мутобиқи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
# ҚАРОР
# Правительство Республики Таджикистан
# ПОСТАНОВЛЕНИЕ

от 24 июня 2022 года № 292

ш. Душанбе

О проекте Закона Республики Таджикистан «О государственном и гарантированным государством долге»

В соответствии со статьей 58 Конституции Республики Таджикистан Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

Одобрить проект Закона Республики Таджикистан «О государственном и гарантированном государством долге» и представить на рассмотрение Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан Эмомали Рахмон

Лоиҳа

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ҚАРЗИ ДАВЛАТӢ ВА ҚАРЗИ АЗ ҶОНИБИ ДАВЛАТ КАФОЛАТДОДАШУДА

Қонуни мазкур муносибатҳоеро, ки дар ҷараёни идоракунии қарзи давлатӣ ва қарзи бо кафолати давлатӣ гирифташуда ба миён меоянд, ба танзим медарорад.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур чунин мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

- **қарзгирии давлатӣ** – ҷалби маблағҳои қарзӣ аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи ҷойгиркунии коғазҳои қиматноки давлатӣ, гирифтани қарз ва истифодаи воситаҳои дигари молиявие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад ё дар бозорҳои молиявии беруна истифода мешаванд, ки аз рӯи онҳо уҳдадориҳои қарзӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қарзгир ба миён меоянд;
- **уҳдадории қарзӣ** – маблағи ба санаи муайян гирифташуда ва пардохтнашуда, аз ҷумла фоизҳои ҳисобшудаи напардохта ва маблағҳои дигари пардохтнагардида аз рӯи қарзгирии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарзҳои аз ҷониби давлат кафолатдодашуда, ки уҳдадориҳо оид ба хизматрасонии онҳо ба зиммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштааст;
- **қарзи давлатӣ** – маҷмуи уҳдадориҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санаи муайян;
- **кафолати давлатӣ** - уҳдадории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди қарздиҳанда ҷиҳати пурра ё қисман пардохт намудани қарз дар ҳолати аз ҷониби қарзгир-резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт нагардидани маблағи қарз дар санаи муқаррargardида;
- **қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда** – маблағи дар муҳлати муайян гирифташуда ва пардохтнагардидаи қарзи ғайридавлатие, ки аз ҷониби қарзгирандагон-резидентони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб карда шудаанд ва кафолати давлатӣ доранд;
- **коғазҳои қиматноки давлатӣ** - вомбаргҳо ва векселҳое, ки аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ бароварда мешаванд;
- **резидент** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими асъор ва назорати асъор чунин шахс эътироф шудааст;
- **ғайрирезидент** – шахси ҳуқуқӣ ё воқеие, ки резидент намебошад;
- **қарзи дохилии давлатӣ** - қисми таркибии қарзи давлатӣ, кӣ маҷмуи уҳдадориҳои қарзи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар назди қарздиҳандагон- резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи муайян ташкил медиҳад. Коғазҳои қиматноки давлатие, ки барои ҷойгир кардан дар бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда шудаанд ва аз ҷониби ғайрирезидентҳо харида шудаанд, ба қарзи дохилии давлатӣ дохил мешаванд;
- **қарзи берунаи давлатӣ** – қисми таркибии қарзи давлатӣ, ки маҷмуи уҳдадориҳои қарзи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар назди қарздиҳандагон- ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи муайян ташкил медиҳад. Коғазҳои қиматноки давлатие, ки барои ҷойгиркунӣ дар бозорҳои молиявии байналмилалӣ бароварда шудаанд ва аз ҷониби резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон харида шудаанд, ба қарзи берунаи давлатӣ дохил мешаванд;
- **қарзҳои ғайридавлатӣ** – воситаҳои пулӣ, молҳо ё хизматрасониҳое, ки резидентҳо аз қарздиҳандаҳои дохилӣ ё беруна аз рӯи шартномаи қарзӣ ё уҳдадории дигари қарзӣ қабул намудаанд;
- **хизматрасонии қарзи давлатӣ** – пардохти маблағи асосӣ, фоизҳо (купонҳо) ва маблағҳои дигаре, ки дар шартномаҳои қарзӣ ё ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии танзимкунандаи барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ, ки дар асоси онҳо қарз ташаккул ёфтааст, пешбинӣ шудаанд;
- **идоракунии қарзи давлатӣ** – ҷараёни таҳия ва амалисозии маҷмуи тадбирҳое, ки ба ҷалби қарзҳои давлатӣ ва хизматрасонии қарз мутобиқи мақсадҳои идоракунии қарзи давлатии муайяннамудаи Қонуни мазкур равона шудаанд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, иборат мебошад.

## БОБИ 2. ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ИДОРАКУНИИ ҚАРЗИ ДАВЛАТӢ

**Моддаи 3. Салоҳиятҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи идоракунии қарзи давлатӣ**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи идоракунии қарзи давлатӣ салоҳиятҳои зерин дорад:

– додани ризоият ба додан ва гирифтани қарзи давлатӣ;

– амалӣ намудани дигар ваколатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни мазкур.

**Моддаи 4. Салоҳиятҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи идоракунии қарзи давлатӣ**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи идоракунии қарзи давлатӣ салоҳиятҳои зеринро дорад:

– стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ мекунад;

– ҳамасола барномаҳои қарзгирии дохилӣ ва берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои соли молиявии оянда маъқул дониста, барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад;

– дар бораи зарурати ҷалби қарзҳои давлатӣ ё қарзҳои аз ҷониби давлат кафолатдодашуда ва оид ба азнавқарздиҳии қарзҳо мутобиқи стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатӣ қарор қабул мекунад;

– қоидаҳои гузаронидани гуфтушунидҳо бо қарздиҳандагон, имзои ҳуҷҷатҳои дахлдор оид ба қарзҳои давлатӣ, гирифтан, баҳисобгирӣ ва истифодаи маблағҳои қарзи давлатӣ, ҷалби минаравҳои молиявиро инчунин хизматрасонии қарзи давлатиро муайян мекунад;

– қоидаҳои баҳисобгирии кафолатҳои давлатӣ ва азнавқарздиҳии қарзҳоро муайян мекунад;

– қоидаҳои барориш ва гардиши коғазҳои қиматноки давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ менамояд;

– қоидаҳои пешниҳоди ариза, номгӯи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда, тартиб ва меъёрҳои интихоби лоиҳаҳоро барои пешниҳоди кафолати давлатӣ муайян мекунад;

– низомнома дар бораи фаъолияти Комиссияи байниидоравӣ оид ба қарзи берунаи давлатиро тасдиқ мекунад;

– назорати умумии идоракунии қарзи давлатиро амалӣ менамояд;

– қарорҳо дар бораи барориши коғазҳои қиматноки давлатиро қабул менамояд;

– қарорҳо дар бораи додани кафолатҳои давлатиро қабул менамояд;

– қарорҳо дар бораи азнавқарздиҳии қарзҳоро қабул мекунад;

– салоҳиятҳои дигари дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни мазкур пешбинишударо амалӣ менамояд.

**Моддаи 5. Ваколатҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи идоракунии қарзи давлатӣ**

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:

– лоиҳаи стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатиро таҳия намуда, барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;



– ҳамасола лоиҳаи барномаҳои қарзгирии давлатии беруна ва дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои соли молиявии оянда таҳия намуда, барои маъқул донистан ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

– ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба зарурати ҷалби маблағҳои қарзӣ пешниҳод манзур менамояд;

– қарзи давлатиро идора мекунад;

– лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки барои иҷрои уҳдадорӣ ва ваколатҳои дахлдор оид ба идоракунии қарзи давлатӣ ва кафолатҳои давлатӣ зарур мебошанд, таҳия намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

– санадҳои меъёрии ҳуқуқиро оид ба идоракунии қарзи давлатӣ ва кафолатҳои давлатӣ дар доираи ваколаташ ва тибқи тартиби муқарраргардида қабул менамояд;

– дар бораи қарзи давлатӣ ҳисоботҳои семоҳа ва солона таҳия намуда, ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

– барои хизматрасонии қарзи давлатӣ тибқи шартнома миёнаравҳои молиявиро ҷалб менамояд;

– коғазҳои қиматноки давлатиро дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебарорад;

– кафолатҳои давлатиро дар асоси таҳлили хавфҳои қарзӣ ва тибқи сиёсати давлатӣ оид ба додани кафолатҳои давлатӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад;

– тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар асоси шартномаҳои қарзи беруна азнавқарздиҳии қарзро анҷом медиҳад;

– омодасозӣ ва татбиқи чорабиниҳоро оид ба муносибгардонии сохтори қарз, аз ҷумла коғазҳои қиматноки давлатӣ, идоракунии хавфҳои қарзи давлатӣ, таҷдиди қарзи давлатӣ амалӣ менамояд;

– барориши коғазҳои қиматноки давлатиро, ки дар бозорҳои молиявии байналмилалӣ ҷойгир мешаванд, бо ташкилотҳои молиявии дар барориш иштирокунанда ҳамоҳанг менамояд;

– дигар ваколатҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни мазкур пешбинишударо амалӣ менамояд.

**Моддаи 6. Ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон**

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи муқаррароти Қонуни мазкур доираи ҳамкории байниидоравиро бо Бонки миллии Тоҷикистон дар соҳаи идоракунии қарзи давлатӣ бо назардошти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ҳамкорӣ менамояд.

**Моддаи 7. Маҳдудиятҳо дар қарзгирии давлатӣ**

Ягон мақомоти давлатӣ, ба истисնои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи амалӣ намудани қарзгирии давлатӣ ва додани кафолати давлатиро надоранд. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои гирифтани қарзи давлатӣ ва додани кафолати давлатӣ дар ягон шакл ҳуқуқ надоранд.

**Моддаи 8. Комиссияи байниидоравӣ оид ба қарзи берунаи давлатӣ**

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии назорати ҷалби қарзҳои беруна ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қарзи берунаи давлатиро ташаккул медиҳанд, иҷрои шартҳои қарзҳои берунаи давлатӣ ё кафолатҳои аз ҷониби давлат додашуда, аз ҷониби Ҳукумат Комиссияи байниидоравӣ оид ба қарзи берунаи давлатӣ таҳти раёсати Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

## БОБИ 3. МЕЪЁРҲОИ ҲАДДИ НИҲОИИ ҚАРЗИ ДАВЛАТӢ, КАФОЛАТҲОИ ДАВЛАТӢ ВА АЗНАВҚАРЗДИҲӢ

**Моддаи 9. Меъёрҳои ҳадди ниҳоии қарзи давлатӣ, кафолатҳои давлатӣ ва азнавқарздиҳӣ**

1. Меъёрҳои ҳадди ниҳои қарзи дохилӣ ва берунаи давлатӣ, инчунин кафолатҳои давлатӣ ва азнавқарздиҳӣ бо қонун дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ муқаррар карда мешавад.

2. Меъёрҳои ҳадди ниҳоӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ муқаррар карда мешаванд. Меъёрҳои ҳадди ниҳоӣ риояшуда ба ҳисоб мераванд, агар параметрҳои онҳо бо яке аз асъорҳои мувофиқакардашуда риоя шуда бошанд.

## БОБИ 4. ИДОРАКУНИИ ҚАРЗИ ДАВЛАТӢ

**Моддаи 10. Идоракунии қарзи давлатӣ**

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ягонаи идоракунандаи қарзи давлатӣ ва мақоме мебошад, ки кафолати давлатӣ медиҳад.

2. Мақсади асосии идоракунии қарзи давлатӣ қонеъ кардани эҳтиёҷоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағгузории қарзӣ ва иҷрои уҳдадориҳои он оид ба пардохтҳо бо хароҷоти камтарин дар кишвар ва дараҷаи хавфи оқилона дар дурнамои дарозмуддат мебошад.

3. Барои таъмини иҷрои хавфҳо оид ба идоракунии қарзи давлатӣ аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои дар бозори молиявӣ қабулшуда, аз қабили таҷдиди қарз, бозтамвили қарз, пеш аз муҳлат пардохт намудани қарз, бозпас харидан, мубодила/своп, бахшидани қарз ва амсоли инҳо метавонанд истифода шаванд.

**Моддаи 11. Принсипҳои идоракунии қарзи давлатӣ**



Идоракунии қарзи давлатӣ ба принсипҳои шаффофият, ҳамкории байниидоравӣ, ҳисоботдиҳӣ, пешгӯишаванда будан ва ошкорбаёнӣ асос ёфтааст.

**Моддаи 12. Мақсади қарзгирии давлатӣ**

1. Қарзгирии давлатӣ метавонад барои мақсадҳои зерин амалӣ карда шавад:

- маблағгузории касри буҷети давлатӣ;
- пардохти пеш аз муҳлат, пардохт, бозтамвил ва таҷдиди уҳдадориҳои қарзӣ ва кафолатҳои давлатии амалкунанда;
- маблағгузории сармоягузории давлатӣ;
- таъмини пардохтпазирии ҷорӣ дар иҷрои буҷети давлатӣ;
- рушди бозори дохилии коғазҳои қиматноки давлатӣ;
- дигар мақсадҳои бо қонунгузорӣ пешбинишуда.

2. Маблағҳои аз ҳисоби қарзгирии давлатӣ бадастомада ба буҷети давлатӣ ворид шуда, дар рафти иҷрои буҷет истифода мешаванд, аз ҷумла бо роҳи истифодаи ройгон (хароҷоти буҷетӣ) ё пешниҳод ба қарзгирандагон дар асоси бозпас гардонидан (азнавқарздиҳӣ) истифода мешаванд.

**Моддаи 13. Воситаҳои қарзгирии давлатӣ**

Воситаҳои қарзгирии давлатӣ инҳо мебошанд:

- шартномаҳои қарзӣ;
- коғазҳои қиматноки давлатӣ;
- қарзҳои аз ҷониби давлат кафолат дода шуда, ки уҳдадории пардохти онҳо тибқи кафолати давлатии додашуда ба зиммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштааст;
- воситаҳои дигари молиявӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешаванд ё дар бозорҳои молиявии беруна истифода мешаванд.

**Моддаи 14. Таркиби қарзи давлатӣ**

1. Қисмҳои таркибии қарзи давлатӣ инҳо мебошанд:

- қарзи дохилии давлатӣ;
- қарзи берунаи давлатӣ.

2. Қарзи давлатӣ аз рӯи муҳлати бозгардонӣ кӯтоҳмуҳлат (то як сол), миёнамуҳлат (аз як то панҷ сол) ва дарозмуҳлат (зиёда аз панҷ сол) мешавад.

**Моддаи 15. Қарзи дохилии давлатӣ**

1. Сарчашмаҳои қарзи дохилии давлатӣ инҳо мебошанд:

- шартномаҳои қарзӣ бо резидентҳо;
- коғазҳои қиматноки давлатӣ, ки барои ҷойгиркунӣ дар бозори дохилӣ бароварда шудаанд;

– воситаҳои дигари молиявие, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мешаванд ва ҳангоми истифодаи онҳо ба сифати қарздеҳ резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои гузаронидани гуфтушунидҳо ва ба имзо расонидани шартномаҳои қарзӣ бо қарздиҳандагон-резидентҳо, барориш ва муомилоти коғазҳои қиматноки давлатӣ барои ҷойгиркунӣ дар бозори дохилӣ баровардашавандаро муайян мекунад.

3. Қарор дар бораи гирифтани қарзи дохилии давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ қабул карда мешавад. Шартнома дар бораи қарзи давлатӣ, аз ҷумла коғазҳои қиматнок ва дигар ӯҳдадориҳои қарзӣ бо тартиби муқарраршуда аз ҷониби вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахси расмии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдоршуда ба имзо расонида мешавад.

4. Дар сурати ба Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштани ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасонии кафолатҳои дохилии давлатӣ, чунин ӯҳдадориҳо қарзи дохилии давлатӣ эътироф мегарданд.

**Моддаи 16. Қатъ гардидани ӯҳдадориҳои қарзӣ аз рӯи қарзи дохилии давлатӣ ва аз қарзи давлатӣ соқит кардани онҳо**

Дар ҳолате, ки агар ӯҳдадории қарзӣ аз рӯи қарзи дохилии давлатӣ дар давоми се соли баъди санаи пардохте, ки дар шартҳои ӯҳдадории қарзӣ ё қонунгузории дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, барои пардохт пешниҳод нагардад, ё кафолати давлатӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур қатъ гардида бошад, ӯҳдадории қарзии мазкур қатъшуда эътироф шуда, аз қарзи дохилии давлатӣ соқит карда мешавад, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад.

**Моддаи 17. Қарзи берунаи давлатӣ**

1. Сарчашмаҳои қарзи берунаи давлатӣ инҳо мебошанд:

– шартномаҳои қарзӣ бо ғайрирезидентҳо;

– коғазҳои қиматноки давлатӣ, ки барои ҷойгиркунӣ дар бозорҳои байналмилалии молиявӣ бароварда шудаанд;

– дигар воситаҳои молиявие, ки дар бозорҳои молиявии беруна истифода мешаванд.

2. Қоидаҳои гуфтушунид ва бастани шартномаҳои қарзӣ бо қарздиҳанда-ғайрирезидентҳо, барориш ва муомилоти коғазҳои қиматноки давлатии барои чойгиркунӣ дар бозорҳои байналмилалии молиявӣ баровардашударо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

3. Бастани шартномаҳои қарзие, ки шартномаҳои байналмилалӣ мебошанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешавад.



4. Қарор дар бораи гирифтани қарзи берунаи давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби пешбининамудаи Қонуни мазкур қабул карда мешавад. Шартнома дар бораи қарзи берунаи давлатӣ, аз ҷумла коғазҳои қиматнок ва дигар ӯҳдадориҳои қарзӣ бо тартиби муқарраршуда аз ҷониби вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахси бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдоршуда ба имзо расонида мешавад.

5. Дар сурати ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштани ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасонии кафолатҳои давлатии берунӣ, чунин ӯҳдадориҳо ҳамчун ӯҳдадориҳои қарзии берунаи давлатӣ эътироф карда мешаванд.

**Моддаи 18. Хизматрасонии қарзи давлатӣ**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасонии саривақтӣ, пурра ва муттасили қарзи давлатиро аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, новобаста аз дохил шудани ин ӯҳдадориҳо ба буҷети давлатӣ, таъмин менамояд. Ҳамаи пардохтҳо оид ба хизматрасонии қарзи давлатӣ бояд дар ҳисобот оид ба иҷрои буҷети давлатӣ пурра инъикос карда шаванд.

**Моддаи 19. Баҳисобгирии қарзи давлатӣ**

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирӣ ва баҳисобгирии қарзи давлатиро анҷом медиҳад ва барои эътимоднок будани баҳисобгирии он масъул мебошад.

2. Шаклҳои баҳисобгирии қарзи давлатиро Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баҳисобгирии саривақтӣ, бехатарӣ ва мукаммалии фарогирии маълумот, таҳияи ҳисоботҳо ва таҳлили қарзи давлатӣ, низоми ягонаи электронии баҳисобгирии қарзи давлатиро таъсис медиҳад ва пеш мебарад.

**Моддаи 20. Стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатӣ**

1. Бо мақсади идоракунии оқилонаи қарзи давлатӣ, арзёбии хатарҳои эҳтимолӣ ва ташаккули сандуқи қарзии қобили қабул, стратегияи миёнамуҳлати (сесолаи) идоракунии қарзи давлатӣ қабул карда мешавад.

2. Лоиҳаи стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатиро Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти сиёсати буҷетии давлатӣ ва барномаҳои сармоягузории давлатӣ таҳия менамояд.

3. Стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатӣ ҳангоми зарурат ҳамасола таҷдиди назар карда мешавад.

4. Стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатӣ маълумоти зеринро дар бар мегирад:

- ҳадафҳо ва вазифаҳои стратегия;
- натиҷаҳои татбиқи стратегияи қаблӣ;

- сохтори дахлдори қарз ва арзёбии хавфҳои сандуқи қарзии ҷорӣ;
- дурнамоиҳои макроиқтисодӣ;
- сарчашмаҳои имконпазири қарзгирӣ, тавсифи стратегияи қобили қабул, натиҷаҳои интизории татбиқи он фарогирии тамоми давраи пешбинишаванда;
- номгӯйи бахшҳои афзалиятноки иқтисод ва (ё) лоиҳаҳое, ки барои маблағгузорӣ тавассути ҷалби қарзҳои ғайридавлатӣ тахти кафолатҳои аз ҷониби давлат додашуда пешбинӣ шудаанд;
- тавсиф ва арзёбии хавфҳои эҳтимолӣ вобаста ба кафолатҳои давлатии додашуда ва қарзҳои азнавқарздодашуда.

5. Ҷалби қарзҳои давлатӣ ё қарзҳое, ки аз ҷониби давлат кафолат додашуда, азнавқарздиҳӣ мутобиқи стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатӣ амалӣ карда мешавад.

6. Стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатӣ баъд аз тасдиқи он дар сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда мешавад.

**Моддаи 21. Барномаҳои қарзгирии дохилӣ ва берунаи давлатӣ**

1. Лоиҳаи барномаҳои қарзгирии дохилӣ ва берунаи давлатиро Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатӣ ва қонун дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ таҳия менамояд. Барномаҳои қарзгирии дохилӣ ва берунаи давлатӣ якҷо бо лоиҳаи қонун дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чиҳати пешниҳоди минбаъда барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

2. Барномаҳои қарзгирии дохилӣ ва берунаи давлатӣ дар асоси нишондиҳандаҳои солонаи қонун дар бораи буҷети давлатӣ таҳия шуда, бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:
- арзёбии талабот ба захираҳои молиявӣ;
- манбаъҳо ва сохтори қарзҳои давлатӣ (аз рӯи манбаъҳо, воситаҳои қарзӣ ва ғ.);
- тақвими бароριши коғазҳои қиматноки давлатӣ;
- барномаи азхудкунии қарзҳо;
- хизматрасонии қарзи давлатӣ дар давоми соли молиявӣ;
- ҳаҷм ва сохтори қарзи давлатӣ, нишондиҳандаҳое, ки сандуқи қарзро тавсиф мекунанд.

3. Барномаҳои қарзгирии дохилӣ ва берунаи давлатӣ пас аз тасдиқ дар сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр мешавад.

**Моддаи 22. Ҳисоботдиҳӣ**

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботҳои семоҳаро дар бораи қарзи давлатӣ таҳия намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва



Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзамон бо ҳисоботҳои семоҳа оид ба иҷрои буҷети давлатӣ пешниҳод менамояд.

2. Дар ҳисоботҳои семоҳаи қарзи давлатӣ маълумоти зерин инъикос карда мешавад:
- маълумот дар бораи амалиётҳои анҷомдодашуда (ҷалби қарзҳо, азхудкунии маблағҳои қарзӣ, барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ, хизматрасонии қарз);
- маълумот дар бораи ҳаҷм ва сохтори қарзи давлатӣ, нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи қарзи давлатӣ;
- маълумот дар бораи кафолатҳои давлатӣ ва азнавқарздиҳӣ.

3. Ҳисоботҳои семоҳа оид ба қарзи давлатӣ дар сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати на дертар аз як моҳ пас аз анҷоми пешниҳоди ҳисоботи семоҳа нашр карда мешавад.

4. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи солонаро дар бораи қарзи давлатӣ таҳия намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзамон бо ҳисоботи солона оид ба иҷрои буҷети давлатӣ пешниҳод менамояд.

5. Дар ҳисоботи солона оид ба қарзи давлатӣ маълумоти зерин инъикос карда мешавад:
- маълумот дар бораи иҷрои мақсадҳои дар стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатӣ муқарраргардида;
- маълумот дар бораи амалиётҳои анҷомдодашуда (ҷалби қарзҳо, азхудкунии маблағҳои қарзӣ, барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ, хизматрасонии қарзӣ);
- таҳлили муқоисавӣ бо нишондодаҳое, ки дар қонуни солона дар бораи буҷети давлатӣ, стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатӣ ва барномаи қарзгирии давлатии беруна ва дохила муқаррар шудаанд;
- маълумот дар бораи ҳаҷм ва сохтори қарзи давлатӣ, нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи сандуқи қарзи давлатӣ, ҷадвали пардохти қарзи давлатӣ;
- номгӯйи муфассал ва хусусиятҳои асосӣ/шартҳои қарздиҳии воситаҳои қарзии амалкунанда;
- маълумот дар бораи кафолатҳои давлатии додашуда ва азнавқарздиҳӣ.

6. Ҳисоботи солона дар бораи қарзи давлатӣ дар сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати на дертар аз як моҳ пас аз анҷоми пешниҳоди ҳисоботи солона нашр карда мешавад.

**Моддаи 23. Аудити қарзи давлатӣ**

1. Аудити қарзи давлатиро Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи нақшаи солонаи корҳо мегузаронад. Аудити қарзи давлатӣ аз аудити молиявӣ ва аудити натиҷабахш иборат аст.

2. Палатаи ҳисоб ҳисоботи солонаро дар бораи аудити қарзи давлатӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

3. Ҳисоботи солона дар бораи аудити қарзи давлатӣ дар сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда мешавад.

## БОБИ 5. КАФОЛАТҲОИ ДАВЛАТӢ БАРОИ ҚАРЗҲО

**Моддаи 24. Кафолатҳои давлатӣ барои қарзҳо**

1. Кафолати давлатӣ уҳдадории шартии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи шартҳои пешниҳоди он мебошад. Уҳдадории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати аз ҷониби қарзгир-резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт накардани маблағи пардохтшаванда оид ба хизматрасонии қарз мутобиқи шартномаи қарзии байни қарздеҳ ва қарзгиранда-резидент бо шартҳои пешниҳоди кафолати давлатӣ басташуда ва дар асоси аризаи ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои кафолати давлатӣ пешниҳоднамудаи қарздеҳ ба миён меояд.

2. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона мақомест, ки кафолатҳои давлатиро пешниҳод мекунад. Кафолати давлатӣ танҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи меъёри муқаррарнамудаи қонун дар бораи буҷети давлатии соли дахлдор дода мешавад. Қоидаҳои додани кафолатҳои давлатиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

3. Бастани шартномаҳо оид ба додани кафолатҳо, ки шартномаҳои байналмилалӣ мебошанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешавад.

4. Кафолати давлатӣ дар ҳолатҳои истисноии зерин дода мешавад:

- барои қарзҳое, ки ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳаммияти афзалиятнок пешбинӣ шудаанд;

- барои қарзҳои ҷиҳати пеш аз мӯҳлат баргардонидани қарзҳои қаблан бо кафолати давлатӣ гирифташуда, ба шарте ки қарзҳои нав арзиши молиявии камтар дошта бошанд;

- барои қарзҳое, ки барои ташкилотҳои молиявии қарзӣ ҷиҳати нигоҳдории устувории низоми молиявӣ дар ҳолатҳои фавқулода пешбинӣ шудаанд.

**Моддаи 25. Талаботи умумӣ, ба дархосткунандагони кафолати давлатӣ ва тартиби интихоби лоиҳаҳо**

1. Дархосткунандагони кафолати давлатӣ танҳо шахсони ҳуқуқӣ – резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буда метавонанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шартҳои қарзи ғайридавлатӣ ва хавфи лоиҳаи сармоягузорӣ метавонад нисбат ба дархосткунандагон талаботи иловагиеро муқаррар намояд, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд.



2. Қарзгирандагон-резидентҳо, ки барои гирифтани кафолати давлатӣ муроҷиат мекунанд, бояд ба мақоми ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ариза пешниҳод намоянд. Тартиби пешниҳоди ариза, номгӯйи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда, тартиб ва меъёрҳои интихоби лоиҳаҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

3. Дар натиҷаи интихоби лоиҳаҳо мақоми ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳар як лоиҳа бо арзёбии самаранокии иқтисодии лоиҳа хулоса тартиб медиҳад. Лоиҳаҳо бо хулосаҳои мусбӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода мешаванд.

4. Кафолати давлатӣ дар ҳолатҳои зерин дода намешавад, агар:

- қарзгир-резидент уҳдадориҳои иҷронашуда аз рӯи кафолатҳои қаблан додашуда, қарзҳо аз буҷети давлатӣ ва дигар уҳдадориҳо дар назди буҷети давлатӣ дошта бошад;
- вазъи молиявии қарзгир-резидент қонеъкунанда набошад;
- қарзгир-резидент дигар кафолати воқеӣ ё шахсии иҷрои уҳдадориҳоро надорад, ки барои пардохти қарз ва фоизҳо кифоя бошад;
- қарзгир-резидент қарзи пардохтнашуда (мӯҳлаташ батаъхирафтода) дорад, ки мӯҳлаташ расидааст;
- қарзгир-резидент дар ягон гуна мурофиаи судӣ ба сифати ҷавобгар ё судшаванда иштирок кунад ё субъекти расмияти муфлисшавӣ бошад;
- лоиҳаҳои пешниҳодшуда ба афзалиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ набошанд;
- лоиҳаҳои пешниҳодшуда аз нуқтаи назари молиявию иқтисодӣ қаноатбахш набошанд.

**Моддаи 26. Пешниҳоди кафолати давлатӣ барои қарз**

1. Дар асоси хулосаи мусбии мақоми ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи меъёрҳои ҳадди ниҳоии кафолатҳои давлатии тасдиқнамудаи қонун дар бораи буҷети давлатӣ барои соли дахлдор, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳа ва асосноккии қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи пешниҳоди кафолати давлатӣ таҳия намуда, барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

2. Шартҳои додани кафолати давлатӣ бо шартнома оид ба додани кафолати давлатӣ (шартномаи кафолатӣ), ки дар шакли хаттӣ байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарздиҳанда ва қарзгир баста шудааст ё дар огоҳиномаи хаттии (уҳдадории кафолатӣ) Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи муқаррароти Қонуни мазкур ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани кафолати давлатӣ муайян карда мешаванд.

3. Унсурҳои ҳатмии ҳуҷҷати ҳуқуқӣ оид ба пешниҳоди кафолати давлатӣ инҳо мебошанд:

- ном ва суроғаи қарздиҳанда, ки қарзи аз ҷониби давлат кафолат додашавандаро медиҳад;

- ном ва суроғаи қарзгир-резидент;

- тавсифи уҳдадориҳое, ки ба онҳо кафолати давлатӣ дода мешавад;

- маблағҳои ҳадди аксари кафолати давлатӣ;

- ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо;

- муҳлат ва шартҳои пешниҳоди кафолати давлатие, ки қарздиҳанда ҳуқуқ дорад аз Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои уҳдадории бо кафолати давлатӣ кафолатёфтаро талаб намояд;

- шартҳои қарзе, ки нисбати он кафолати давлат дода мешавад.

4. Кафолатҳои давлатӣ пурра ё қисман баргардонидани маблағи асосии қарзро, ки давлат кафолат додааст ва пардохти фоизҳоро, агар пардохти онҳо ба шартҳои додани кафолати давлатӣ пешбинӣ шуда бошад, таъмин менамоянд.

5. Шартномаи кафолатӣ, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, аз рӯзи ба имзо расидани он аз ҷониби тарафҳо эътибор пайдо мекунад. Уҳдадории кафолат аз рӯзи дода шуданаш эътибор пайдо мекунад.

6. Шартномаи кафолатӣ ва уҳдадории кафолат барои ҳар як лоиҳа аз ҷониби вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё шахси иҷрокунандаи вазифаи он имзо карда мешавад.

7. Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани кафолати дахлдори давлатӣ, байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарздиҳанда ва қарзгир-резидент шартнома баста мешавад, ки дар он шартҳои зерин муқаррар карда мешаванд:

- пардохт барои кафолати давлатӣ (боҷи кафолат), ки аз ҷониби қарзгир-резидент ба буҷети давлатӣ пардохта мешавад;

- уҳдадории қарзгир-резидент оид ба фароҳам овардани кафолатҳои кофӣ ба манфиати қарздиҳанда барои таъмини баргардонидани қарз ва хароҷоти пешбинишаванда;

- уҳдадории қарзгир-резидент ҷиҳати пешниҳоди ҳисобот оид ба уҳдадориҳое, ки аз кафолати давлатӣ бармеоянд;

- ба манфиати давлат пешбинӣ кардани дигар кафолатҳо;

- таъиноти маблағҳое, ки аз ҳисоби қарзҳои аз ҷониби давлат кафолатдодашуда, гирифта шудаанд;

- уҳдадории қарзгир-резидент барои ба давлат баргардонидани тамоми маблағҳое, ки давлат барои иҷрои кафолати давлатӣ сарф кардааст, инчунин хароҷоти дигар вобаста ба иҷрои уҳдадории мазкур.

8. Риоя накардани тартиби пешниҳоди кафолати давлатӣ боиси беэътибор донистани он мегардад.

9. Барои пешниҳоди кафолати давлатӣ хироҷи кафолатӣ дар ҳаҷм ва бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад. Андозаи хироҷи кафолатӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии



Тоҷикистон дар бораи додани кафолати дахлдори давлатӣ муқаррар карда мешавад ва аз дараҷаи хавфҳои лоиҳаи мазкур вобаста аст.

10. Андозаи хироҷи кафолатӣ набояд аз 0,2 фоизи маблағи кафолати давлатӣ зиёд бошад.

11. Хироҷи кафолати давлатӣ аз ҷониби қарзгир -резидент дар муҳлати рӯзи баъд аз имзои шартномаи дар қисми 7 моддаи мазкур зикргардида ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешавад, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад. Агар қарзгир-резидент тибқи муқаррароти моддаи мазкур хироҷи кафолати давлатиро напардохта бошад, шартнома дар бораи пешниҳоди кафолати давлатӣ баста намешавад. Дар ҳолати пешниҳод нагардидани кафолати давлатӣ, маблағи пардохтшуда ба қарзгир-резидент баргардонида мешавад.

**Моддаи 27. Иҷрои кафолати давлатӣ ва ҷуброни маблағҳои ба ин мақсадҳо истифодашуда**

1. Дар ҳолати аз ҷониби қарзгир-резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон напардохтани маблағи пардохтшаванда барои хизматрасонии қарз басташуда, мутобиқи шартномаи қарзии байни қарздиҳанда ва қарзгир–резидент басташуда, қарздиҳанда ҳуқуқи пешниҳоди аризаро ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои кафолати давлатӣ дорад.

2. Агар маълумоти дар аризаи қарздиҳанда оид ба иҷрои кафолати давлатӣ дарҷгардида ба муқаррароти Қонуни мазкур ва шартҳои пешниҳоди кафолати давлатӣ мутобиқ бошад, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад, ки пардохт ва ё пардохтҳо аз рӯи қарзе, ки нисбат ба он кафолат дода шудааст, тибқи муқаррарот ва шартҳои шартномаи қарзӣ ба амал бароварда нашудааст. Муқаррароти мазкур дар шакли хулосаи хаттии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба зиммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштани уҳдадориҳо оид ба хизматрасонии қарз тибқи кафолати давлатии додашуда ифода мегардад.

3. Уҳдадориҳои пулие, ки аз иҷрои кафолати давлатӣ бармеоянд, аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатии соли дахлдор, сарфи назар аз маблағи дар буҷет барои ин мақсадҳо тасдиқшуда, иҷро карда мешаванд ва дар ҳисобот дар бораи иҷрои кафолати давлатӣ инъикос карда мешаванд.

4. Кафолатҳои қарзи дохилии давлатӣ ва кафолатҳои қарзи берунаи давлатӣ мутаносибан ба қарзи дохилӣ ё берунаи давлатӣ аз лаҳзаи қабули хулосаи хаттии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд.

5. Қарзгир-резидент баъди аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро кардани кафолати давлатӣ уҳдадор аст, ки ҳамаи чораҳои имконпазирро барои ба давлат ҷуброн кардани ҳамаи маблағҳои тибқи муқаррароти Қонуни мазкур ва шартҳои додани кафолати давлатӣ, инчунин шартномаи байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

қарзгир-резидент мутобиқи қисми 7 моддаи 26 Қонуни мазкур басташуда ҷиҳати иҷрои кафолати давлатӣ сарф шудаанд андешад.

6. Дар ҳолате, ки агар қарзгир-резидент натавонад ухдадориҳои молиявии худро тибқи ҷадвали муқарраршудаи пардохт ва (ё) хизматрасонии қарз иҷро намояд, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси натиҷаҳои таҳлили молиявию иқтисодии қарзгир-резидент ҳуқуқи тамдиди пардохтро дорад.

7. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор аст, ки нисбат ба моликияти қарзгир-резидент гарави қонунӣ муқаррар намояд ё кафолати мутақобиларо ба фоидаи қарзгир-резидент бо мақсади баргардонидани маблағи барои иҷрои ухдадориҳои қарзгир-резидент истифодашаванда тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирад.

**Моддаи 28. Баҳисобгирии кафолатҳои давлатӣ ва ҳисоботдиҳӣ**

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирӣ ва баҳисобгирии кафолатҳои давлатиро анҷом дода, барои эътимоднокии баҳисобгирии мазкур масъул мебошад. Шаклҳои баҳисобгирии кафолатҳои давлатиро Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

2. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баҳисобгирии саривақтӣ, бехатарӣ ва мукаммалии фарогирии маълумот, таҳияи ҳисоботҳо ва таҳлили кафолатҳои давлатӣ низоми ягонаи электронии баҳисобгирии қарзи давлатиро таъсис медиҳад ва пеш мебарад.

3. Маълумот дар бораи кафолатҳои давлатии пешниҳодшуда дар ҳисоботҳои семоҳа ва солона дар бораи қарзи давлатӣ, ки аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегарданд, инъикос карда мешавад.

4. Стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатӣ бояд арзёбӣ ва таҳлили хавфҳои марбут ба кафолатҳои давлатии пешниҳодшударо дар бар гирад.

**Моддаи 29. Асосҳои қатъ гардидани амали кафолати давлатӣ:**

1. Амали кафолати давлатӣ дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад, агар:

- ухдадории қарзӣ пурра пардохт шуда бошад;
- мухлати кафолати давлатӣ гузашта бошад;
- маблағҳои қарзие, ки аз ҷониби давлат кафолат дода шудааст, барои мақсадҳои дар шартномаи қарзӣ ва шартҳои пешниҳоди кафолати давлатӣ муқарраргардида истифода нашуда бошад;
- ухдадории дорои кафолати давлатӣ бе розигии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир дода шуда бошад ва чунин тағйирот боиси зиёд шудани масъулият ё дигар оқибатҳои номатлуб барои давлат ба сифати кафил гардад;



- шартнома дар бораи қабули ухдадорие, ки бо кафолати давлатӣ кафолат дода шудааст ё шартнома дар бораи гузашт кардани талабе, ки бо кафолати давлатӣ кафолат дода шудааст, ба имзо расонида шавад;
- бо сабабҳои дигар мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 30. Назорат ва масъулият барои истифодаи маблағҳое, ки аз ҳисоби шартномаи қарзии дорои кафолати давлатӣ ба даст омадаанд**

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати истифодаи мақсадноки маблағҳое, ки аз ҳисоби шартномаи қарзии аз ҷониби давлат кафолат додашуда ба даст омадаанд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебарорад.

2. Қарзгир-резиденти дорои кафолати давлатӣ, қарздеҳ ва бонке, ки кафолати мутақобил додааст, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ғайримақсаднок истифода намудани маблағҳое, ки тибқи қарзи аз ҷониби давлат кафоладодашуда гирифта шудаанд ва барои баргардонидани маблағҳои барои аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намудани кафолати давлатӣ истифодашуда дар ҳолати аз ҷониби қарзгир-резидент иҷро нагардидани ухдадориҳои қарзӣ аз рӯи қарз масъулият доранд.

## БОБИ 6. АЗНАВҚАРЗДИҲӢ

**Моддаи 31. Мақсади азнавқарздиҳӣ**

1. Маблағҳои молиявии аз рӯи қарзҳо ва грантҳои дохилӣ ва (ё) берунаи давлатӣ гирифташуда метавонанд дар асоси бозгашт ба қарзгирандагони дохилӣ (баҳрабарандагони ниҳоии азнавқарздиҳӣ) барои татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои рушд мутобиқи сиёсати буҷети давлатӣ ва барномаҳои сармоягузории давлатӣ аз нав қарз дода шаванд.

2. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона мақомест, ки дар асоси Қонуни мазкур ваколати идоракунии ин маблағҳоро дорад. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор аст, ки амалиётҳои азнавқарздиҳиро бевосита ба баҳрабарандагони ниҳоии азнавқарздиҳӣ ё тавассути миёнаравҳои молиявӣ (ташкилотҳои қарзии молиявӣ) ё ба воситаи сохтори алоҳидае, ки барои азнавқарздиҳӣ ташкил ёфтаанд, анҷом диҳад, инчунин имзо кардани созишномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии марбут ба ваколатҳои муқаррарнамудаи моддаи мазкурро амалӣ намояд.

**Моддаи 32. Азнавқарздиҳии маблағҳое, ки аз ҳисоби қарзгирии давлатӣ гирифта шудаанд**

1. Азнавқарздиҳӣ барои баҳрабарандагони ниҳоии азнавқарздиҳӣ тавассути миёнаравҳои молиявӣ, ки аз Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағ барои азнавқарздиҳӣ қарз мегиранд, амалӣ карда мешавад. Азнавқарздиҳӣ барои баҳрабарандагони ниҳоии азнавқарздиҳӣ тавассути Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои дар

шартномаҳо оид ба қарзи дохилӣ ё берунӣ ва грантҳо муқаррар гардидани он, инчунин бо дарназардошти хусусиятҳои лоиҳаҳо амалӣ карда мешавад.

2. Танҳо резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд миёнаравҳои молиявӣ ва баҳрабарандагони ниҳоии азнавқарздиҳӣ бошанд.

3. Азнавқарздиҳӣ дар ҳолатҳои зерин имконнопазир мебошад:

- миёнарави молиявӣ ё баҳрабарандаи ниҳоии азнавқарздиҳӣ аз рӯи қарзҳои қаблан додашуда аз буҷети давлатӣ, кафолатҳои давлатӣ ва дигар уҳдадориҳо дар назди буҷети давлатӣ уҳдадории иҷронашуда дошта бошанд;

- вазъи молиявии миёнарави молиявӣ ё баҳрабарандаи ниҳоии азнавқарздиҳӣ ғайриқаноатбахш бошад;

- миёнарави молиявӣ ё баҳрабарандаи ниҳоии азнавқарздиҳӣ кафолати дигари воқеӣ ё шахсии иҷрои уҳдадориҳоро, ки барои пардохти қарз ва фоизҳои пардохтшаванда кофӣ мебошад, надошта бошад;

- миёнарави молиявӣ ё баҳрабарандаи ниҳоии азнавқарздиҳӣ қарзи пардохтнашуда (муҳлаташ гузашта) дошта бошад, ки муҳлати пардохти он фаро расидааст;

- миёнарави молиявӣ ё баҳрабарандаи ниҳоии азнавқарздиҳӣ ба сифати ҷавобгар ё судшаванда дар ягон мурофиаи судӣ иштирок дошта бошад ё субъекти расмиёти муфлисшавӣ бошад.

4. Дар ҳолате ки агар азнавқарздиҳӣ ба воситаи миёнаравҳои молиявӣ анҷом дода шавад, шартҳои интихоби баҳрабарандагони ниҳоие, ки метавонанд аз ин маблағҳо қарз гиранд, аз тарафи миёнаравҳои молиявӣ бо риояи меъёрҳои арзёбии хавфи қарзӣ ва меъёрҳои интихоб тибқи қоидахо ва амалияи қарзии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшуда муайян карда мешаванд. Хавфҳои тиҷоратӣ, асъорӣ ва молиявии марбут ба гузаронидани амалиётҳои азнавқарздиҳӣ ба зиммаи миёнаравҳои молиявӣ, ки аз маблағҳои барои азнавқарздиҳӣ пешбинишуда қарз медиҳанд, гузошта мешавад.

5. Шартҳои азнавқарздиҳии маблағҳое, ки аз ҳисоби қарзгирии давлатӣ гирифта шудаанд, аз ҷониби қарздиҳанда муқаррар карда мешавад ва (ё) дар созишнома оид ба қарзҳои дохилӣ ё берунӣ муайян карда мешавад.

6. Шартҳои азнавқарздиҳӣ дар шартномаҳои азнавқарздиҳӣ муайян карда мешаванд. Дар шартномаҳо меъёри фоизи ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтшаванда, асъоре, ки маблағи асосӣ ва дигар пардохтҳо бо он ҳисоб ва пардохт карда мешаванд, кафолатҳои баргардонидани қарз, муҳлати баргардонидани қарз, мақсади қарздиҳӣ, ҳолатҳои иҷро накардани шартҳои шартномаҳо, ҷаримаҳо дар ҳолати ба таъхир андохтан ё напардохтани маблағ ва уҳдадориҳои дигари тарафҳо, муқаррар карда мешавад.

7. Миёнаравҳои молиявие, ки дар азнавқарздиҳии маблағҳои аз ҳисоби қарзҳои давлатӣ гирифташуда иштирок менамоянд, аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва/ё сохторҳое, ки махсус бо мақсади азнавқарздиҳӣ таъсис дода шудаанд, тибқи қоидаҳо ва расмиёти



идоракунии лоиҳаҳое, ки аз сарчашмаҳои беруна маблағгузорӣ мешаванд, интихоб карда мешаванд.

8. Ҳама гуна пардохти маблағҳое, ки барои азнавқарздиҳии баҳрабарандагон пешниҳод шудаанд, метавонад боздошта ё қатъ карда шавад, дар ҳолате, ки агар баҳрабарандаи азнавқарздиҳӣ уҳдадориҳои худро, ки аз шартномаи азнавқарздиҳӣ бармеоянд, вайрон кунад, ин маблағҳоро на аз рӯи таъинот истифода барад ва ё агар ҳолатҳое мавҷуд бошанд, ки метавонад ба муфлисшавии баҳрабаранда оварда расонанд.

9. Миёнаравҳои молиявӣ ва баҳрабарандагони ниҳоии азнавқарздиҳӣ барои истифодаи мақсадноки маблағҳои қарзӣ масъуланд.

**Моддаи 33. Идоракунӣ ва мониторинги маблағҳои азнавқарздиҳӣ**

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон идоракунӣ ва мониторинги истифодаи маблағҳои барои азнавқарздиҳӣ пешбинишударо амалӣ менамояд.

2. Миёнаравҳои молиявие, ки дар азнавқарздиҳии аз ҳисоби маблағҳои қарзгирии давлатӣ, иштирок менамоянд, ҳар семоҳа ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пардохт ва баргардонидани маблағҳои азнавқарздиҳӣ, дар бораи вазъи иқтисодии худ маълумот, аз ҷумла ҳисоботи молиявӣ ва ҳисоботҳои аудитории солонаи берунӣ пешниҳод мекунанд.

3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва/ё сохторҳои махсус бо мақсади азнавқарздиҳӣ таъсис ёфта мониторинги миёнаравҳои молиявӣ ва баҳрабарандагони дар азнавқарздиҳӣ аз ҳисоби маблағҳои қарзгирии давлатӣ иштироккунандаро то иҷрои пурра ва/ё қатъи уҳдадориҳои шартномавӣ амалӣ менамоянд. Барои ин Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва /ё сохторҳои махсус бо мақсади азнавқарздиҳӣ таъсисёфта аз Бонки миллии Тоҷикистон маълумот дар бораи вазъи иқтисодии миёнаравҳои молиявие, ки дар амалиётҳои азнавқарздиҳӣ нияти иштирок доранд ё иштирок менамоянд, дархост мекунад.

**Моддаи 34. Баргардонидани маблағҳои азнавқарздодашуда**

1. Тамоми маблағҳои молиявие, ки аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) сохторҳои махсус бо мақсади азнавқарздиҳӣ таъсисёфта барои татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои рушд азнавқарздиҳӣ шуда, аз ҳисоби манбаъҳои беруна ва (ё) дохилӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, инчунин маблағҳое, ки бояд барои хизматрасонии онҳо пардохта мешаванд, аз ҷониби баҳрабарандагони ниҳоии азнавқарздиҳӣ ё миёнаравҳои молиявӣ ба буҷети давлат ё ба суратҳисобҳои сохтори махсус бо мақсади азнавқарздиҳӣ таъсисёфта, мувофиқи шартҳои шартномаҳои дахлдори қарзӣ баргардонида мешаванд.

2. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) сохторҳои махсус, ки бо мақсади азнавқарздиҳӣ таъсисёфта, ҳуқуқ доранд, ки аз баҳрабарандагони ниҳоии азнавқарздиҳӣ ё миёнаравҳои молиявӣ барои пӯшонидани хароҷоти мубодилаи асъор, инчунин дигар хавфҳо ва хароҷоти

марбут ба гирифтан, тақсим ва баргардонидани маблағҳои барои азнавқарздиҳӣ пешбинишуда маблағ гиранд.

3. Дар ҳолате, ки агар баҳрабарандаи ниҳоии азнавқарздиҳӣ тибқи шартномаи азнавқарздиҳӣ барои иҷрои уҳдадориҳои молиявии худ мутобиқи, ҷадвали пардохт ва хизматрасонии қарз қодир набошад, Вазорати молия аз рӯи натиҷаҳои таҳлили молиявию иқтисодии баҳрабарандаи ниҳой, метавонад қарор дар бораи тамдиди муҳлати пардохт тавассути бастани шартномаҳои иловагӣ ба шартномаи ибтидоии азнавқарздиҳӣ, қабул намояд.

**Моддаи 35. Масъулияти гирандагони маблағҳои азнавқарздиҳӣ аз ҳисоби қарзгирии давлатӣ ва/ё кафолатҳои давлатӣ**

Дар ҳолати аз ҷониби миёнаравҳои молиявие, ки аз ҳисоби маблағҳои азнавқарздиҳӣ пешбинишуда қарз гирифтаанд, баҳрабарандагони азнавқарздиҳӣ ва қарзгирандагони кафолатшуда вайрон намудани уҳдадориҳои худ, ки дар шартномаҳои дахлдор муқаррар гардидаанд, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва/ё сохтори махсус бо мақсади азнавқарздиҳӣ таъсисёфта, ҳуқуқ доранд маблағҳои дар суратҳисобҳои махсуси бонкии ин гирандагони маблағ аз рӯи қарзгирии давлатӣ ва/ё кафолати давлатӣ мавҷудбударо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи бебаҳс ситонанд.

**Моддаи 36. Баҳисобгирии қарзҳои азнавқарздодашуда ва ҳисоботдиҳӣ**

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирӣ ва баҳисобгирии қарзҳои азнавқарздодашуда ва амалиётҳо аз рӯи онҳоро амалӣ намуда, барои эътимоднокии ин баҳисобгирӣ масъул мебошад. Шаклҳои баҳисобгирии қарзҳои азнавқарздодашударо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

2. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баҳисобгирии сариваҷтӣ, бехатарӣ ва мукаммалии фарогирии маълумот, таҳияи ҳисоботҳо ва таҳлили кафолатҳои давлатӣ низоми ягонаи электронии баҳисобгирии азнавқарздиҳиро таъсис медиҳад ва пеш мебарад.

3. Маълумот дар бораи қарзҳои азнавқарздодашуда ва амалиётҳо аз рӯи онҳо дар ҳисоботҳои семоҳа ва солона оид ба қарзи давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд, инъикос карда мешаванд.

4. Стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатӣ бояд арзёбӣ ва таҳлили хавфҳои вобаста ба азнавқарздиҳиро дар бар гирад.

## БОБИ 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 37. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 38. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» аз 11 декабри соли 1999 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №12, мод. 326; с.2021, №6, мод.395) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 39. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Проект

# ЗАКОН
# РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## О ГОСУДАРСТВЕННОМ И ГАРАНТИРОВАННЫМ ГОСУДАРСТВОМ ДОЛГЕ

Настоящий Закон регулирует отношения, возникающие в процессе управления государственным и гарантированным государством долгом.

## ГЛАВА 1. ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ

**Статья 1. Основные понятия**

В настоящем Законе используются следующие понятия:

- **государственные заимствования** – привлечение заемных средств от имени Республики Таджикистан путем размещения государственных ценных бумаг, получения кредитов и использования других финансовых инструментов, регламентируемых законодательством Республики Таджикистан или применяемых на внешних финансовых рынках, по которым возникают долговые обязательства для Республики Таджикистан как заемщика;
- **долговое обязательство** - сумма, полученная и непогашенная на определенную дату, включая начисленные и непогашенные процентные платежи и другие непогашенные суммы по государственным заимствованиям Республики Таджикистан и гарантированным государством кредитам, обязательство по обслуживанию которых перешло к Республике Таджикистан;
- **государственный долг** – совокупность долговых обязательств Республики Таджикистан на определенную дату;
- **государственная гарантия** - обязательство Республики Таджикистан перед кредитором полностью или частично погасить задолженность в случае неуплаты заемщиком-резидентом Республики Таджикистан причитающейся с него суммы в установленный срок;
- **гарантированный государством долг** - сумма полученных и непогашенных на определенную дату негосударственных займов, привлеченных заемщиками-резидентами Республики Таджикистан и, имеющих государственную гарантию;
- **государственные ценные бумаги** - облигации и векселя, выпускаемые от имени Республики Таджикистан в национальной и иностранной валютах;



- **резидент** – физическое и юридическое лицо, признанное таковым согласно законодательству Республики Таджикистан о валютном регулировании и валютном контроле;
- **нерезидент** - физическое или юридическое лицо, не являющиеся резидентом;
- **внутренний государственный долг** - неотъемлемая часть государственного долга, представляющая собой совокупность долговых обязательств Республики Таджикистан перед кредиторами-резидентами Республики Таджикистан на определенную дату. Государственные ценные бумаги, выпущенные для размещения на внутреннем рынке Республики Таджикистан и приобретенные нерезидентами, относятся к внутреннему государственному долгу;
